# ХУЛОСАИ

**шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ**

*(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295)*

Парвандаи аттестатсионии №__________________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 08.07.2026, №35

Барои сазовор донистани Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология.

Диссертатсияи унвонҷӯ Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло, дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология ба ҳимоя санаи 04.05.2026 қабул карда шуд, протоколи №31-уми шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, www.tnu.tj), ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июли соли 2022, №111/шд бо рамзи 6D.КОА-057 (тағйирот ба ҳайати шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2024, №428/шд, аз 02.02.2026, №37/шд) таъсис дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Сайфуллозода Қ.Ғ. 17.01.1973 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 1996 факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ хатм намудааст.

Фаъолияти кориро ба ҳайси танзимгари шуъбаи рузонаи факултети геология оғоз намудааст. Сипас аз моҳи августи соли 1997 то соли 2001 дар КВД "Лифттаъмир" ба вазифаи танзимгар фаъолият намудааст.

Аз моҳи марти соли 2001 то соли 2004 дар вазифаи мутахассиси шуъбаи оби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Ҳукумати шаҳри Душанбе ба ҳайси назоратчӣ шуда, фаъолият намудааст.

Баъдан аз 17 ноябри соли 2004 тариқи гузариш ба Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол шуда, дар шуъбаи гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ дар вазифаи сармутахассиси шуъба то 31 декабри соли 2015 идома додааст.

Аз моҳи феврали соли 2016 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар кафедраи геология ва иктишофи ККФ ба ҳайси лаборанти кафедра корро идома додааст. Аз 01.09.2016 тариқи интиқол ба кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ ба вазифаи ассистент, сипас муаллими калони кафедраи мазкур шуда ва то ин ҷониб фаъолият дорад.

Тӯли фаъолияти кориаш раиси Бюрои иттифоқи касабаи факултет, котиби Шурои олимони факултети геологияро ба дӯш дорад.

Бо Ифтихорномаи Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сарфароз гардидааст. Дорои Рутбаи референти дараҷаи 1 мебошад.

Соли 2009 дар курси такмили ихтисос дар мавзуи "Сиёсати пешгирии оқибати хатари офатҳои табиӣ" дар кишвари Ҷопон, намояндагии Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) дар Тоҷикистон, ширкат варзидааст.

Сайфуллозода Қ.Ғ. солҳои 2019-2026 ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Саидов Мирзо Сибгатуллович - доктори илмҳои геологию минералогӣ, профессор, профессори кафедраи математика ва илмҳои табиии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Муқарризони расмӣ:**

**Кошурников Андрей Викторович** – доктори илмҳои геологию минералогӣ, дотсент, ходими пешбари илмии лабораторияи усулҳои математикӣ ва пешгӯйии геокриологии факултети геологияи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Москва.

**Насруллоев Фарҳод Хуҷаевич** – доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси бехатарии фаъолияти ҳаётӣ ва ҳифзи муҳити зист, дотсент, постдокторанти Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои география, дотсент, мудири кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии МДТ "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" Гулмирзоев Қ.Ҳ., эксперт – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси география Ибодов Ш.М., котиби илмии ҷаласа, муаллими калони кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Мирзомуддинов Д.А. имзо гардида, бо имзою мӯҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ шудааст.

Дар хулоса масъалаҳои мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, навгонии илмии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ, шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ, мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия ва дигар масъалаҳо баррасӣ гардидааст.

Диссертатсияи унвонҷӯ Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло, дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ мебошад. Диссертатсия дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом дода шудааст ва аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи геология, минералогия ва география буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 16 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**I.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. **Сайфуллоева К.Г.** Геоэкологическая характеристика Горно-обогатительного комбината Адрасман [Текст] / **К.Г. Сайфуллоева** //

Наука и инновация. Серия геологических и технических наук. Душанбе, – 2022. –№2. – С. 56-60.

[2-М]. **Сайфуллоева Қ.Ғ.** Тавсифи гидрологӣ ва гидрогеологии ҳавзаи дарёи Исфана [Текст] / Г.В. Шарифов, **Қ.Ғ. Сайфуллоева**, Н.М. Расулов// Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. Душанбе, – 2022, – №1. – С. 101-107.

[3-М]. **Сайфуллоева К.Г.** Основные характеристики пульсирующих ледников Памира [Текст] / **К.Г. Сайфуллоева** // Наука и инновация. Серия геологических и технических наук. Душанбе, – 2025. – №2. – С. 5-10.

[4-М]. **Сайфуллоева Қ.Ғ.** Обшораи дарёҳои Тоҷикистон ва аҳамияти онҳо [Текст] / Ф.С. Давлатов, **Қ.Ғ. Сайфуллоева.,** М.Н. Ғуломов // Илм ва инноватсия. Душанбе, – 2022. –№2. – С. 65-69.

**Б). Дар дигар маҷаллаю рузномаҳо**

[5-М]. Сайфуллоева К.Г. Экологическое состояние природных ресурсов районов Республиканского подчинения (РРП). [Текст] / Р.Б. Сатторов, И.Г. Ахмедова, К.Г. Сайфуллоева, Ш. Узакова // Труды института геологии. Душанбе – 2006г. Выпуск 5. УДК 528.9:577.4629.198.3. – С.186-197.

[6-М]. **Сайфуллоева К.Г.** Таджикистан и проблемы снижения риска стихийных бедствий. [Текст] / Г.В. Шарифов, **К.Г. Сайфуллоева**, А.А. Муродов // Материалы международной научно-практической конференции «Климатические изменения и гидроресурсы Средней Азии» ТНУ, наука и инновация (научный журнал) серия естественных наук, №1, Душанбе: «Сино» – 2017. – С. 230-234.

[7-М]. **Сайфуллоева Қ.Ғ.** Таъсири тағйирёбии иқлим ба таъминоти оби нушокӣ. [Текст] / Ф.С. Давлатов, Д.Э. Назирова, **Қ.Ғ. Сайфуллоева,** М. Саидов// Илм ва фановарӣ. Нашри махсус бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” солҳои 2018-2028, “Соли рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардуми”, “140-солагии зодрузи Кахрамони Точикистон Садриддин Айни” ва “70 солагии Донишгоҳи миллии Точикистон”, дар асоси Маводи конференсияи байналмилалии илми-амали дар мавзуи “Захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Маркази” аҳамият,мушкилот ва дурнамо”) Душанбе, – 2018. – С. 63-66.

[8-М]. **Сайфуллоева Қ.Ғ.** Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи даҳсолаи амал “Об барои рушди устувор” солҳои 2018-2028: Нақши захираҳои обӣ дар амалишавии он. [Текст] / Ф.С. Давлатов, Д.Э. Назирова, **Қ.Ғ. Сайфуллоева**, М.Н. Ғуломов // Илм ва фановарӣ. Нашри махсус бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” солҳои 2018-2028, “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, “140-солагии зодрӯзи Каҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ” ва “70 солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, дар асоси Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Захираҳои

гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ аҳамият,мушкилот ва дурнамо”) Душанбе, – 2018. – С.143-148.

[9-М]. **Сайфуллоева Қ.Ғ.** Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалишавии пешниҳодҳои масъалаҳои об ва ҳифзи захираҳои он. [Текст] / **Қ.Ғ. Сайфуллоева** // Материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной «5500-летию древнего Саразма», «700-летию выдающегося Таджикского поэта Камола Худжнди», и «20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования (2020-2040 годы)». Душанбе – 2020. – С. 172-173.

[10-М]. **Сайфуллоева Қ.Ғ.** Мушкилоти баҳри Арал ва ҳолати экологии он дар минтақаи Осиёи Марказӣ. [Текст] / **Қ.Ғ. Сайфуллоева** // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. Душанбе – 2020. – №2. – С. 114-119.

[11-М]. Сайфуллоева Қ.Ғ. Қонуниятҳои ташаккулёбии морфоструктураи давраи нави рушди водии дарёи Ванҷ дар замонаҳои неоген ва чорякумин. [Текст] / М.Н. Ғуломов, **Қ.Ғ. Сайфуллоева** // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ “Ҳамкориҳои байналмилалии давлатҳои ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ вобаста ба таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо ва захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” (солҳои 2018-2028), “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (солҳои 2020-2040), “Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)”, “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” (Соли 2025) 27 майи соли 2023. Душанбе – 2023. – С. 113-120.

[12-М]. **Сайфуллоева Қ.Ғ.** Пайдошавии омилҳои равандҳои табиӣ ва таъсири он ба фаъолияти антропогенӣ дар ҳудуди Тоҷикистон. [Текст] / **Қ.Ғ. Сайфуллоева**, А.С. Раҳимзода, Ш.Б., Ғанизода, М.З. Давлятова, Ҳ Абдулқосими // Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ “Ҳамкориҳои байналмилалии давлатҳои ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ вобаста ба таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряххо ва захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” (солҳои 2018-2028), “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (солҳои 2020-2040), “Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)”, “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо”) Соли 2025) 27 майи соли 2023. Душанбе, – 2023.– С. 131-136.

[13-М]. **Сайфуллоева Қ.Ғ.** Баъзе хусусиятҳои ҷойгиршавӣ ва реҷаи пиряхҳои Помири Шарқӣ. [Текст] / Ф.Г. Ғафуров, **Қ.Ғ. Сайфуллоева,** М.Ш. Шакармамадова // Масоили геологи дурнамо ва рушди он. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи “Геологияи тоҷик”. Душанбе, 7-9.10.2024 С. – 202-207.

[14-М]. **Сайфуллоева Қ.Ғ.** Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба ҳаёти инсон. [Текст] / М.Н. Ғуломов, **Қ.Ғ. Сайфуллоева**, С.И. Немонзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Дастовардҳои муосир ва масоили мавҷудбуда дар илми геология (илмҳои заминшиносӣ)» бахшида ба 70-солагии доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор, узви вобастаи академияи муҳандисии байналмилалӣ, Академики академияи муҳандисии Тоҷикистон Саидов Мирзо Сибгатуллович 24-уми соли майи 2024. Душанбе, – 2024 – С. 51-56.

[15-М]. **Сайфуллоева Қ.Ғ.** Пиряхҳои набзӣ ва пайдошавии кӯлҳои хавфнок (дар мисоли ҳавзаи дарёи Ванҷ). [Текст] / **Қ.Ғ. Сайфуллоева** // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Дастовардҳои муосир ва масоили мавҷудбуда дар илми геология (илмҳои заминшиносӣ)» бахшида ба 70-солагии доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор, узви вобастаи академияи муҳандисии байналмилалӣ, Академики академияи муҳандисии Тоҷикистон Саидов Мирзо Сибгатуллович 24-уми соли майи 2024. Душанбе, – 2024. – С. 349-353.

[16 -М]. **Сайфуллоева Қ.Ғ.** Баъзе хусусиятҳои пиряхҳои набзии Тоҷикистон (дар мисоли пиряхҳои набзии водии Ванҷ). [Текст] / Қ.Ғ. **Сайфуллоева**// Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ "Пиряхҳои Тоҷикистон – манбаи захираи обҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии иқлим" бахшида ба соли 2025 соли байналмиллалии ҳифзи пиряхҳо" ва рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо" 14 марти соли 2025. Душанбе, – 2025. –№2. – С. 170-175.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Фозилзода М.М. – номзади илмҳои геологию минералогӣ, Сардори шуъбаи геологияи Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эрод надорад.
2. Абдулов Ч.Д. – номзади илмҳои техникӣ, мудири шуъбаи экспедитсионӣ ва тадқиқоти равандҳои криосферии МДИ "Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ" эрод надорад.
3. Давлатзода Ш.Д. – номзади илмҳои география, мудири кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абубдуллоҳи Рӯдакӣ эрод надорад.

Муқарризони ғайрирасмӣ тақризҳои мусбат навишта, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд**, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ: дар таҳқиқи илмии анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:

**коркард карда шуд:** консепсияи илмии арзёбии нақши пиряхҳои набзӣ дар ташаккул ва рушди кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта

дар шароити тағйирёбии иқлим коркард гардида, равиши мукаммали мониторинг ва баҳодиҳии хавфи онҳо пешниҳод карда шуд;

**методикаи нави таҷрибавӣ:** методикаи такмилёфтаи мониторинги пиряххои набзӣ ва кӯлҳои пиряхӣ бо истифодаи мушоҳидаҳои саҳроӣ, технологияҳои зондкунии дистансионии Замин (тасвирҳои моҳворавӣ), Google Earth Pro ва таҳлили ниммиқдории хатари рахнашавии кӯлҳо таҳия гардид, ки имконият медиҳад қонуниятҳои ташаккул ва рушди ин падидаҳои хатарнок бо дақиқии баланд муайян карда шаванд;

**пешниҳод шудааст:** фарзияи илмӣ оид ба вобастагии мустақими динамикаи пиряхҳои набзӣ ба ташаккул ва рушди кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта пешниҳод гардида, инчунин роҳҳои нави инженерию техникӣ барои пешгирии ташаккули кӯлҳои хатарнок ва паст намудани эҳтимолияти рахнашавии онҳо асоснок карда шуданд;

**исбот шудааст:** исбот гардид, ки тағйирёбии динамикаи пиряхҳои набзӣ яке аз омилҳои асосии ташаккули кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот имконияти истифодаи усулҳои пешниҳодшударо дар мониторинг, пешгӯйии хатарҳои геологӣ ва таҳияи чорабиниҳои пешгирикунанда барои ҳифзи аҳолӣ ва инфрасохтор дар минтақаҳои баландкӯҳ таъмин менамоянд.

**ҷорӣ намудан:** ба муомилоти илмӣ методологияи такмилёфтаи баҳодиҳии хатари кӯлҳои пиряхӣ, усулҳои муосири мониторинги дистансионӣ ва равишҳои инженерию техникии пешгирии ташаккули кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта ворид карда шуданд, ки метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва сохторҳои масъули идоракунии ҳолатҳои фавқулода истифода шаванд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

**исбот намудан:** нақши пиряхҳои набзӣ дар ташаккул ва рушди кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта; қонуниятҳои динамикаи пиряхҳои набзӣ дар шароити тағйирёбии иқлим; методологияи арзёбии хавфи ташаккули кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта, ки барои васеъ намудани тасаввуроти илмӣ оид ба равандҳои глятсиологӣ ва геоэкологӣ мусоидат намуда, ҳудуди истифодаи натиҷаҳои бадастомадаро дар мониторинг, пешгӯйӣ ва баҳодиҳии хатарҳои табиӣ васеъ мегардонад.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок истифода бурда шуданд: маҷмӯи методҳои муосири таҳқиқот, аз ҷумла усулҳои мониторинги саҳроӣ, зондкунии дистансионии Замин (аксҳои моҳворавӣ ва аэрокайҳонӣ), таҳлили ниммиқдорӣ, моделсозӣ бо истифода аз Google Earth Pro, усулҳои харитасозии геоэкологӣ ва муқоисаи маълумотҳои мушоҳидавӣ бо таҳқиқоти қаблӣ.

**баён шуданд:** мавқеи илмӣ оид ба нақши пиряхҳои набзӣ дар ташаккули кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта; асосҳои илмии баҳодиҳии хавфи рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ; марҳилаҳо ва хусусиятҳои

эволютсияи кӯлҳои пиряхӣ дар шароити тағйирёбии иқлим; роҳҳои инженерию техникии пешгирии ташаккули кӯлҳои хатарнок.

**ошкор гардидани:** вобастагии байни динамикаи пиряхҳои набзӣ ва ташаккули кӯлҳои хатари кандашавидошта; омилҳои асосии геоэкологӣ ва иқлимӣ, ки боиси афзоиши хатари рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ мегарданд; минтақаҳои дорои дараҷаи баланди хавфи глятсиологӣ дар водии Ванҷ.

**омӯхта шуданд:** робитаи байни тағйирёбии иқлим, динамикаи пиряхҳои набзӣ, ташаккули кӯлҳои пиряхӣ ва рушди равандҳои хатарноки геологӣ; таъсири мутақобилаи пиряхҳо, равандҳои гидрологӣ ва ҳаракати массаҳои ҷинсҳои кӯҳӣ; робитаҳои сабабию оқибатии байни тағйирёбии пиряхҳо ва пайдоиши офатҳои табиӣ.

**аз нав такмил дода шуданд:** методологияи баҳодиҳии хавфи ташаккули кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта; усулҳои мониторинг ва арзёбии ҳолати пиряхҳои набзӣ дар асоси маълумоти дистансионӣ; равишҳои илмии таҳияи харитаҳои хавфи геоэкологӣ ва пешниҳод намудани чораҳои муҳандисию техникӣ барои коҳиш додани хатари рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

**коркард ва ҷорӣ карда шудаанд**: **методологияи** такмилёфтаи баҳодиҳии хавфи ташаккули кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта бо истифода аз технологияҳои муосири мониторинг, аз ҷумла маълумоти зондкунии дистансионии Замин (моҳворавӣ), Google Earth Pro ва мушоҳидаҳои саҳроӣ; **усулҳои** мониторинги комплексии пиряхҳои набзӣ ва кӯлҳои пиряхӣ, ки метавонанд дар фаъолияти Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон», Агентии обуҳавошиносӣ ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулода истифода шаванд; **натиҷаҳои** таҳқиқот ба равандҳои таълимӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳаи геология, геоэкология ва глятсиология тавсия шудаанд.

**муайян карда шуданд**: нақши пиряхҳои набзии водии Ванҷ дар ташаккули кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта; минтақаҳои дорои хатари баланд ва дараҷаи хавфи як қатор пиряхҳои ҳавзаи водии Ванҷ; имкониятҳои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳияи харитаҳои хавф, банақшагирии чораҳои муҳофизатӣ ва пешгирии офатҳои табиӣ дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон.

**офарида шуд**: маҷмуи тавсияҳои илмӣ ва амалии инженерӣ-техникӣ оид ба пешгирии ташаккули кӯлҳои пиряхии хатарнок дар ҳавзаи дарёи Абдуқаҳҳор; модели арзёбии хавфи рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ ва оқибатҳои эҳтимолии онҳо; асосҳои илмӣ барои банақшагирии тадбирҳои коҳиш додани хавфи офатҳои табиии вобаста ба пиряхҳо.

**муаррифӣ карда шуд**: тавсияҳои методӣ оид ба мониторинги доимии пиряхҳои набзӣ ва кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта;

пешниҳодҳо барои истифодаи технологияҳои муосири дистансионӣ дар низоми давлатии мониторинги пиряххо; тавсияҳо барои мақомоти соҳавӣ ҷиҳати такмил додани чораҳои ҳифзи аҳолӣ ва инфрасохтор аз хатарҳои вобаста ба пиряххо ва тағйирёбии иқлим.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

**барои корҳои таҷрибавӣ:** натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси корҳои саҳроӣ, мониторинги пиряххои набзӣ, таҳлили маълумоти зондкунии дистансионии Замин (тасвирҳои моҳворавӣ), мушоҳидаҳои экспедитсионӣ ва коркарди маълумоти геоинформатсионӣ ба даст оварда шудаанд. Андозагириҳо бо истифода аз усулҳои муосири глятсиологӣ ва геоэкологӣ асоснок гардида, натиҷаҳои мусбат дар шароити гуногуни табиӣ ва барои як қатор пиряххои ҳавзаи водии Ванҷ тасдиқ шудаанд.

**назария:** назарияи таҳқиқот ба асосҳои илмии санҷидашудаи глятсиология, геоэкология, гидрология ва геологияи инженерӣ такя намуда, бо натиҷаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла К.Ф. Войтковский, Л.Д. Долгушин, И.Г. Дорофеев, Р.Д. Забиров, Н.Р. Ишук, П.Б. Бархатов, М.Н. Ғуломов ва дигар муҳаққиқон мувофиқат менамояд.

**ғоя асоснок шудааст:** ғояи таҳқиқот дар асоси таҳлили таҷрибаи илмӣ ва амалии омӯзиши пиряххои набзӣ, арзёбии хавфи кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта, инчунин таҳлили таъсири тағйирёбии иқлим ба равандҳои глятсиологӣ ва геодинамикӣ асоснок гардидааст.

**истифода шудаанд:** муқоисаи натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф бо маълумоти таҳқиқоти қаблӣ, маводи мониторинги бисёрсола, натиҷаҳои зондкунии дистансионии Замин, маълумоти Google Earth Pro ва дигар манбаъҳои илмӣ анҷом дода шуда, мувофиқати онҳо тасдиқ шудааст.

**муайян шудаанд:** мувофиқати миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти илмии мавҷуда муайян гардида, нақши пиряххои набзӣ дар ташаккули кӯлҳои пиряхии хатари кандашавидошта ва дараҷаи хавфи онҳо барои ҳавзаи водии Ванҷ ба таври илмӣ асоснок шудааст.

**истифода шуданд:** методикаҳои муосири ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди маълумоти аввалия, аз ҷумла мониторинги саҳроӣ, технологияҳои GIS, зондкунии дистансионии Замин, моделсозӣ дар муҳити Google Earth Pro, таҳлили ниммиқдорӣ ва усулҳои арзёбии хавфи геоэкологӣ истифода гардидаанд, ки эътимоднокӣ ва намояндагии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Диссертатсия ба таҳқиқоти глятсиологӣ асоснок карда шуда, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз 26.09.2020 №503 ва дар доираи барномаи илмии «Мушкилоти геодинамикӣ, тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба равандҳои муҳандисию

геологӣ» (солҳои 2021–2025, РД №0122TJ1446)-и кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бевосита дар он муаллиф иштирок дошт, таҳия шудааст. Иштироки унвонҷӯ аз гузаронидани корҳои саҳроӣ ва экспедитсионӣ, таҳлил ва коркарди маълумоти бадастомада, таҳияи тавсияҳо ва татбиқи онҳо дар корҳои таҳқиқотӣ ва мониторинг иборат буд.

Дар мақолаҳои муштарак ҳиссаи иштироки шахсии муаллифи диссертатсия 50 – 70 % - ро ташкил медиҳад.

Саҳми муаллиф, инчунин дар омӯзиши маълумоти ибтидоии оморӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, мазмуни илмӣ, коркарди тавсияҳои амалӣ ва хулосаҳоро дар бар мегирад.

Дар ҷаласаи 08 июли соли 2026 шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-057-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ қарори сазовор донистани Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло ба дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология қабул гардид.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои муштараки диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 1.6.32. Геоэкология 2 нафар.

Аз 12 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои геологию минералогӣ Валиев Ш.Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.

08.07.2026 с.